Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Маблағгузории хурд воситаи муҳими таҳрикдиҳандаи иқтисоди миллӣ буда, имконияти ҳамгироии молиявӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва тақвияти бахши соҳибкориро барои аҳолӣ таъмин менамояд. Таърихан, ғояи хизматрасониҳои бонкӣ ба муштариён вобаста ба дарки хавфи баланд ва сатҳи пасти даромаднокӣ ғайриимкон ҳисоб меёфт. Бо вуҷуди ин, мавқеи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври назаррас тағйир ёфта, вобаста ба моделҳои муосир ва муваффақиятҳои назарраси амалӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир бартарияти маблағгузории хурд пурра эҳсос гардид ва нақши он дар низоми хоҷагидорӣ боло рафт.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ба аҳамияти маблағгузории хурд дар рушди вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар диққати муҳим дода, ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд васеъгардии доираи табаддулоти рақамии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, маълумотҳои заруриро фарогир мебошад. Баррасии муқарароти автореферат шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф масъалаи таҳқиқотро ба таври васеъ ва амиқ таҳлил намуда, аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои гузошташуда баромадааст.

Илова бар муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия муаллиф танҳо фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл»-ро таҳлил намуда, мавқеи онро дар низоми маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст. Ба андешаи мо хуб мешуд, агар дар қисми объекти таҳқиқот фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» низ ҳамроҳ карда мешуд ва дар қатори ташкилоти мазкур, ҳамчунин фаъолияти

ташкилотҳои маблағгузории хурди дигар низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифтанд.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори шуъбаи таҳлил
ва ҷалби маблағгузории
ФҚХ "фонди бозтамвил" Ҷураев Беҳзод Машрафович

Имзои Ҷураев Б.М. -ро тасдиқ менамоям:

Котиби Ёвари Раёсат Мирзоева С.

Суроға:
734003, Ҷумҳурииии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Истаравшан 18,
Тел: +99293505592
E-mail: b.juraev@rfund.tj